## Тақризи

**роҳбари илмӣ доир ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Сайдализода Саидвали Файзалӣ дар мавзӯи «Танзими экзогении равандҳои физиологӣ ва фаъолнокии системаҳои антиоксидантии растании *Solanum tuberosum L.* дар шароитҳои стрессӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология, аз рӯи ихтисоси 03.01.05-физиология ва биохимияи растаниҳо**

Сайдализода Саидвали Файзалӣ, Доиншгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Мавсуф аз соли 2012 то ҳол дар кафедраи физиологияи растаниҳо ва биотехнологияи факултети биологияи ДМТ бақ ҳайси ассистент фаъолият менамояд.

Сайдализода Саидвали Файзалӣ шахси илмдӯст буда, ҳамеша корҳои илмӣ-тадкиқотӣ диккати ӯро ҷалб менамуданд, ки ин аз шавку рағбати ӯ ба тадкиқотҳои илмӣ огоҳӣ медод.

Яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмин намудани амнияти озукаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошад, ки бе таҳқиқотҳо ва навовариҳо дар соҳаҳои илмҳои табиӣ амалӣ шуданаш ғайриимкон аст. Яке аз самтҳои зерини афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2010 тахти №167 тасдик шудааст: "Мутобикгардонӣ (адаптатсия)-и физиологиву биохимиявӣ ва механизмҳои танзимкунандаи устувории организмҳои зинда ба таъсири шароити номусоиди муҳит (стрессҳо)" мебошад.

Сайдализода Саидвали Файзалӣ рисолаи номзадии худро дар асоси барномаи давлатии "Мутобиқгардонӣ (адаптатсия)-и физиологиву биохимиявӣ ва механизмҳои танзимкунандаи устувории организмҳои зинда ба таъсири шароити номусоиди муҳит (стрессҳо)", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2010 тахти №167 тасдиқ шудааст, интихоб намудааст.

Сайдализода С.Ф. таъсири танзимкунандаҳои сабзишу инкишофёбӣ ва микроэлементҳоро ба маҳсули системаҳои оксидкунанда, фаъолнокии ферментҳои антиоксидантӣ ва ҳамзамон таъсири ин омилҳоро ба маҳсулнокӣ дар шароити таъсири омилҳои номусоид ба растании картошка мавриди омӯзиш карор додааст.

Унвонҷӯ дар раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ маҳорату малакаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Навгонии кори илмӣ-тадқиқотӣ дар он аст, ки Сайдализода С.Ф. омилҳои табиии экзогениро чун баландкунандаи ҳосилнокӣ дар шароити тағйирёбии иқлим истифода карда, ҳамзамон таъсири онҳоро ба равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳои таҳти таъсири стресс қарордошта омӯхтааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба масъалаи устувор намудани растаниҳо ба шароити номусоид аз чунин нуқтаи назар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ақидаҳои тазаккурёфта нишондиҳандаи арзиши кори илмӣ буда, ба саҳми шахсии муаллиф дар тадқиқотҳо ва муҳокимарониҳо ишора мекунанд. Нуктаҳои асосии рисола дар маводҳои илмии нашрнамудаи муаллиф инъикос гардидаанд. Ногуфта намонад, ки рисола чун барги сабзе ба физиология ва биохимияи растаниҳо дар самти устувор намудани растаниҳо ба омилҳои гуногуни номусоид, ба миллати тоҷик бо забони фосеҳу равони тоҷикӣ пешкаш гардидааст.

Аз ин лиҳоз рисолаи номзадии Сайдализода Саидвали Файзалӣ – унвонҷӯи кафедраи физиологияи растаниҳо ва биотехнологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Танзими экзогении равандҳои физиологӣ ва фаъолнокии системаҳои антиоксидантии растании *Solanum tuberosum L.* дар шароитҳои стрессӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо лоиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои биология,
мудири кафедраи физиологияи
растаниҳо ва биотехнология /__________/ Қиёмова З.С.

Имзои З.С. Қиёмоваро тасдиқ
мекунам, сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ /__________/ Тавқиев Э.Ш.